# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи “Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи **Шаҳнозаи Турсунзода** ба таҳқиқ ва омӯзиши роҳҳои калимасозии сифат дар “Ёддоштҳои”-и Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Маълум аст, ки саҳми адибон ва мутафаккирони маъруфи тоҷик дар ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони адабии тоҷик назаррас аст. Омӯзишу баррасии таркиби луғавии осори мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Калимасозӣ яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Калимасозии сифат дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ яке аз захираҳои боэътимоди луғавии забони адабии муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Садриддин Айнӣ дар асарҳояш вожаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам арабию туркиро бамаврид ва самаранок истифода бурда, бо роҳҳои гуногуни калимасозӣ вожахои нав сохтааст. Инчунин, дар осори ин адиби бузург вожаҳои зиёде корбаст шуданд, ки фарогири соҳаҳои мухталифи ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии таркиби луғавии осори ин нависандаи ҳақиқатнигор муҳимму арзишманд ба шумор меравад, зеро осори Садриддин Айнӣ барои муайян ва равшан намудани рушди таркиби луғавии забони адабии ҳозираи тоҷик зарур буда, дар асоси маълумоти асарҳои ӯ таърихи забони тоҷикиро дар муқоиса ба ҳолати имрӯзаи он муайян кардан мумкин аст. Баррасии масоили назариявии калимасозӣ аз диди забоншиносони ватанию хориҷӣ ва рушди он барои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар насри Садриддин Айнӣ аҳаммияти махсуси илмӣ дорад. Дар таҳқиқоти мазкур на танҳо низоми луғавии забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои умумии ташаккули он, инчунин ба қисмҳои алоҳидаи семантикӣ, гурӯҳхои луғавӣ ва маъноии калимасозӣ диккат дода шудааст. Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои забонии осори мутафаккирони бузурги тоҷику форс имконият фароҳам меояд, ки ҷанбаҳои мавзуӣ, семантикӣ, баромади вожа ва ибораҳо муайян карда шуда, раванди ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ошкор карда шавад. Дар забони тоҷикӣ омӯзиш ва таҳқиқи сохташавии вожаҳо дар осори Садриддин Айнӣ то ба имрӯз аз масъалаҳои мубрам ва айнизамонӣ дар забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти **Шаҳнозаи Турсунзода** яке аз таҳқиқоти аввалин аст, ки дар

он вижагиҳои сохтории лексикаи осори Садриддин Айнӣ, ки бо устуворӣ ва рехтагии таркиби луғавии худ тафовут дошта, дар гуфтор оҳангу тобишҳои киноявиро равшантар, барҷастатар инъикос менамоянд ва онҳо аз рӯйи мазмуну муҳтавояшон дар дараҷаи баланд қарор доранд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин рисолааш муҳаккиқ вижагиҳои забони осори ин адиби мумтозро, ки басо мубрам ва муҳим маҳсуб мешавад, нишон додани калимасозии миёнвандӣ, пешвандӣ ва пасвандӣ барои муайян намудани маҳсулнокии ин қолибҳо дар давраи нави рушди забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, зарурати омӯзиши роҳҳои калимасозии сифат дар осори Садриддин Айнӣ дар муқоиса бо забони адабӣ аз он ҷиҳат муфид аст, ки онҳо узван бо ҳам алоқаманд буда, дар иртиботи якдигар инкишоф меёбанд ва таъсири мутақобилаи онҳо вобаста ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи таърихии ҳаёти халқ сурат мегирад. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷанбаҳои мухталифи калимасозии сифат дар осори Садриддин Айнӣ имконият медиҳад, ки воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ бо тамоми ҷузъиёташ ва тобишҳои гуногун ҷилвагар карда шавад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар баррасии вижагиҳои калимасозии сифат маҳсуб мешавад. Инчунин муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳқиқи калимасозии сифат дар дар “Ёддоштҳои”-и Садриддин Айнӣ роҳҳои луғавию маъноӣ ва сарфию наҳвии калимасозии сифатро бо мисолҳои эътимоднок нишон диҳад

Инчунин, дар диссертатсияи мазкур роҷеъ ба масъалаҳои назариявии калимасозӣ ва пешванду пасвандҳои калимасоз маълумоти муҳим пешкаш карда мешавад. Мисолҳои пешниҳод намудаи муҳаққиқ аз осори ин адиби маъруф мубрам ва саривақтӣ буда фикру андешаҳои муаллифи рисоларо тасдиқ менамоянд.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқ ва омӯзиши, роҳҳои калимасозии сифат дар “Ёддоштҳои”-и Садриддин Айнӣ ки то айни замон омӯхта нашудааст, бори аввал мавриди. таҳқиқи муфассал ва ҳаматарафа қарор дода шудааст ва натиҷаҳои он ба пажӯҳишгарону таҳқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи унсурҳои забони муосири тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор доданианд, ҳамчун маводи пурарзиш хизмат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ” аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну

мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди умумии онҳо, ки **20**-тоанд, аз ҷумла, дар **8**-мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. .

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи "Калимасозии сифат дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси банди 60-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" пешниҳод менамояд:

**1.** Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи "Калимасозии сифат дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад.:

**1. Раҳматуллозода Сахидод-** доктори илми филология, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон;

**2. Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. –

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**:
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Мирзоева М.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Ҳомидов Д.

**“08” июли соли 2025.**